**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042,ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10 а)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзуи “Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноаткунонии босуръат” (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Соҳаи саноат дар иқтисодиёти мамлакат нақши муҳим дошта, ҳалли масъалаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳо дар шароити саноатикунонии босуръат ба миён омадааст. Вобаста ба ин, зарурати омӯзиши асосҳои назариявии такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳо дар давраи амалигардонии вазифаҳои Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 бармеояд. Бояд тазаккур дод, ки барои таъмини рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ яке аз ҳадафҳои муҳими субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб ёфта, асосноккунии равишҳои муосирро доир ба таҳияи маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати баландбардории бартарияти рақибии онҳо тақозо менамояд. Вобаста ба ин, таъмини рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳои саноати коркарди ватанӣ аз омилҳои гуногун вобаста буда, таъсири онҳо дар шароити ноустувори рушди иқтисодӣ ва таҳаввулоти рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар истеҳсолот бештар гардидааст.

Аз ин лиҳоз, дар шароити муосири пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат хеле саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад. Ин вазифа водор менамоянд, ки такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард вобаста ба таъмини самараноки истеҳсоли маҳсулот сифати низоми пешбарандаи истеҳсолоти саноатӣ дида бароmада шавад. Инчунин, то ҳол таъмини рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳои саноати коркард ба таври пурра ҳаллу фасли худро наёфтааст. Бояд қайд кард, ки асосҳои илмӣ-методологӣ ва амалии таъмини рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳои саноати коркард дар шароити муосир то ҳол дар адабиётҳои илмӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Ин дар навбати худ, зарурати ногузирро тасдиқ намуда, боиси аҳамияти таъмини рақобатпазирии фаъолияти

корхонаҳои саноати коркард мегардад ва мубрамият ва интихоби мавзуи таҳқиқотро асоснок мекунад.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.**

Диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзуи "Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноаткунонии босуръат" (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои КОА-и назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ва қисматҳои алалхусус, дар автореферат ва диссертатсия овардашуда мувофиқат мекунад.

**3. Навгониҳои илмии диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Кори диссертатсионии тақризшаванда бо навгониҳои илмӣ, равиши илмии таҳлили мушкилоти мавзуъ, тафсири назариявӣ ва методологии ба худ хос қобили таваҷҷуҳ мебошад. Равиши такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст, ки барои иқтисодиёти миллӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, бо истифодаи маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқот коркард шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя нуқтаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои хусусиятҳои навгонии илмӣ мебошанд:

1. Дар асоси омӯзиши таҳаввулоти назарияи равиши такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард муаллиф мафҳумҳои илмии "рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ" ва "механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ"-ро пешкаш кардааст.

2. Бо ташаккул ва рушди ақидаҳои иқтисодӣ ва таъсиси муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, инчунин, дигаргуниҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёт назарияҳои гуногуни олимони дохилию хориҷӣ таҳлил шуда, хусусиятҳои рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва роҳҳои таъмини рақобатпазирии фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор, таҳлил ва асоснок карда шудаанд.

3. Муаллиф дар асоси истифодаи таҳлили соҳавӣ муайян намуда, омилҳои манфии асосие, ки инкишофи корхонаҳои саноати коркардро бозмедоранд, аниқ карда тавсияҳо доир ба инкишофи инфрасохтори институтсионалӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ-қарзӣ, нақлиётӣ-логистикӣ, истеҳсолӣ-фурӯшӣ, иттилоотӣ-маркетингӣ ва

илмӣ-технологии корхонаҳои саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

4. Механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ асоснок карда шуда, низоми самараноки такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш шудааст, ки унсурҳои асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатиро дарбар мегирад.

5. Афзалиятҳои стратегии рушди корхонаҳои саноати коркард муайян карда шудаанд ва самтҳои афзалиятноки мукаммалсозии низоми тадбирҳои институтсионалии дастгирии давлатии инкишофи корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

6. Механизми баҳодиҳии самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки ба ташаккули низоми бисёрсатҳаи дастгирӣ ва рушди корхонаҳои саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**4. Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ баёнгардида.**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда муаллиф омӯзиши такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии мукаммалсозии механизми такмилдиҳии ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раванди саноатикунонии босуръат асоснок намудааст. Ҳалли он имкон додааст, ки муаллиф асосҳои назариявию методологии таҳқиқ ва арзёбии раванди такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок намудааст. Муаллиф тавсияҳо доир ба инкишофи инфрасохтори институтсионалӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ-қарзӣ, нақлиётӣ-логистикӣ, истеҳсолӣ-фурӯшӣ, иттилоотӣ-маркетингӣ ва илмӣ-технологии корхонаҳои саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро коркард ва пешниҳод намудааст.

Фишангҳои амалигардонии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раванди саноатикунонии босуръат асоснок намудааст. Дар асоси таҳлилу аниқкунии вазъи муосири рушди соҳаи саноати коркард роҳҳои баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард, ташаккули кластерҳои саноатӣ ҳамчун омили баландбардории рақобатпазирӣ ва таъмини рушди инноватсионии корхонаҳои саоати коркард бо назардошти раванди саноатикунонии босуръат муайян карда шудааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи амалиявии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватаниву хориҷиро дар раванди

коркарду такмилдиҳии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард эҷодкорона истифода бурдааст. Муқаррароти назариявию методологӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, бо истифодаи маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқот коркард шудаанд. Унсурҳои навоварии илмии диссертатсия ба таври мантиқӣ роҳҳои расидан ба ҳадафи тадқиқотро ифода мекунанд.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ, оморӣ, муқоисавӣ, системавӣ-таркибӣ, омӯзиши омилҳо, таҳлили маълумотҳои оморӣ, аз график ва ҷадвалҳо истифода намудааст.

Заминаҳои назариявии тадқиқотро асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, муқаррароти бунёдии назарияи рақобатпазирӣ, назарияи механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва асоси методологии тадқиқоти диссертатсияро муқаррароти илмии назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти саноат ташкил медиҳанд. Ба сифати маводи ибтидоӣ дастуру супоришҳо, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҳлилии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаву консепсияҳои давлатӣ ва соҳавӣ, Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, захираҳои иттилоотии интернетӣ ташкил медиҳанд.

Қайд кардан зарур аст, ки Нуридинзода Аҳлиддин Нуриддин хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот муносибат кардааст, мустақилона натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии худро дар раванди натиҷабардорӣ коркард ва таҳлил намуда тавонистааст, равишҳои илмию методологии арзёбии рушди соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти таъмини рақобатпазирии он аниқ ва асоснок намудааст.

**5. Сохтор, мундариҷаи диссертатсия ва сатҳи асосноккунии дастовардҳои илмӣ.**

Сохтори диссертатсия, гузориши мақсад ва мантиқи алоқамандии онҳо тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷиҳати таҳлили васеи муаммоҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва асосҳои назариявию методологиро коркард намудааст.

Диссертатсияи тақризшаванда сохтори пайгирона дошта, дар он бо ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи дохилии тадқиқот муайян карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи азхудкунии масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида объект ва мавзуи

таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия (с.14-69) «Ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ»** асосҳои назариявии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рушди инноватсионӣ,шароитҳо,омилҳо ва принсипҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, асосҳои амалисозии стратегияи таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ бо истифода аз механизми ташкилӣ-иқтисодӣ таҳқиқ карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия андешаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҷамбаҳои назариявии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ба таври васеъ шарҳ дода шудааст. Унвонҷӯ Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дуруст қайд намудааст, ки “арзёбии рақобатпазирӣ бояд ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи маркетингии ҳар як ширкат гардад. Таҳлили ҳамаҷонибаи рақобатпазирӣ имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи корхона муайян карда шаванд ва мавқеи он нисбат ба рақибони асосӣ дар бозор фаҳмида шавад. Ин имкон медиҳад, ки сегментҳои мақсаднок дақиқтар муайян карда шаванд, хатарҳои эҳтимолӣ муайян карда шаванд ва захираҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ мураттиб карда шаванд”(с.22) Аз нуқтаи назари метологии таҳлил ба мутобиқ кардани маҳсулот ва хидматҳо ба талаботи бозорҳои зудтағйирёбанда мусоидат намуда, барои ҷалби сармоягузорон манфиатҳои иловагӣ фароҳам меоварад.

Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиётҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ тавонистааст,ки бо назардошти ҷанбаҳои рушди инноватсионӣ мафҳуми рақобатпазирии корхонаҳои саноатиро ва механизми ташкилӣ-иқтисодӣ баланд бардоштани рақобатпазириро дар сатҳи корхона ва унсурҳои онро асоснок намояд. Аз тарафи муалифи диссертатсия, мавҳуми “рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун маҷмӯи имкониятҳо ва афзалиятҳо дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоте, ки барои таъмини қобилияти истодагарӣ, самаранокӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи бозор ва муҳити беруна, заминаи рушди устувори дарозмуддат мебошад” пешкаш шудааст(с.34). Бояд қайд кард,ки мафҳуми муаллифӣ дорои ҷанбаҳои муҳим барои муайян кардани қобилияти рақобатпазирии корхонаи саноатӣ дар муҳити рақобат, мутобиқшавии он ба шароити тағйирёбандаи бозор ва муҳити беруна, таъмини самаранокии фаъолият ва нигоҳ доштани рақобатпазирии он барои мақсадҳои дарозмуддат мебошад.

Муаллиф моҳияти принсипҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳоро ҳамчун унсури дастёбӣ ба натиҷаҳои устувори дарозмуддати рақобатпазирӣ асоснок намудааст. Дар диссертатсия муаллиф ба хулосае омадааст, ки корхонаҳои саноати бояд пайваста дар ҷустуҷӯи усулу воситаҳои муосири идоракунӣ ва таъмини рақобатпазирии худ бо риояи принқипҳои болозикр ва ба инобат гирифтани шароиту омилҳои таъсир расон фаъолият баранд. Асоснок шудааст,ки бояд як низоми муосири роҳандозии он дар амал коркард шавад дар намуди пешниҳоди механизми

баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаи саноатӣ. ( Расми 1.1. с.48), ки он ҷузвҳо ва зинаҳои гуногунро дарбар мегирад ва аз чорчӯбаи равандӣ пайдарҳами роҳандози гардидаастад.

Дар диссертатсия вобаста ба интихоби равиши мувофиқтарин барои корхонаи саноатӣ асоснок шудааст,ки "бояд консепсияҳои мавҷударо ба тартиб даровардa ва муқоиса кард. Ин имкон медиҳад, ки гуногунии равишҳои стратегӣ амиқтар фаҳманд ва муайян кунанд, ки кадоме аз онҳо дар шароити мушаххас самараноктар буда метавонанд. Ин равиш ба таҳлили вазъи бозор, муайян кардани имкониятҳо ва таҳдидҳо ва арзёбии ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи созмон тамаркуз мекунад(с.55). Муаллиф дар раванди таҳқиқот бо заминаи далелҳои асосноки натиҷаҳои пешниҳодшуда асосҳои ташкилӣ ва амалисозии стратегияи таъмини рақобатнокии корхонаи саноатиро бо истифодаи механизми ташкилийи-иқтисодии он таҳия ва пешниҳод намудааст(Расми1.2. с.60-61).

**Дар боби дуюми диссертатсия (с.70-125) "Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири рушди соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон"** таҳлил ва арзёбии рушди соҳаи саноати Тоҷикистон ва зерсоҳаи саноати коркарди он дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт, рақобатпазирӣ, асосноккунии бартариҳои рақобатии саноати коркард ва мақоми Тоҷикистон дар индексҳои ташкилотҳои байналмиллалӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар асоси таҳлил ва арзёбии рушди саноати Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт чунин хулосабарорӣ ва дуруст қайд намудааст, ки " барои таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва дар асоси он ноил шудан ба сатҳи баланди некуаҳволии аҳолӣ на танҳо сармоягузориро ба саноат, хусусан ба саноати коркард, балки инфрасохтори он, низ зиёд карда, дар баробари ин, фишангҳои ғайримонетарӣ ва воситаҳои рушди онро самаранок истифода бурдан лозим аст, аз ҷумла ташкили кластерҳо, беҳтаргардонии ҳамкорӣ бо ҳамаи субъектҳои ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳое, ки дар саноати коркард дар асоси принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ фаъолият мебаранд ва ғайра"(с. 88). Инчунин муаллиф дар асоси хулосаи таҳлили гузаронидашуда, нишондиҳандаҳо ва баҳодиҳии ҳолати ҳозираи рушди саноати ватанӣ ва зерсохторҳои саноати коркард андешидани чораҳои комилан мутобиқи идориро дар ҳамаи сатҳҳои идораи иқтисоди миллӣ талаб мекунанд, пешниҳод намудааст. Ба ақидаи муаллиф зарурати татбиқи роҳи устувори инноватсионии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди сохтори мавҷудаи саноатро ба манфиати соҳаҳои истеҳсолие, ки маҳсулоти рақобатпазир бо арзиши иловагии баланд истеҳсол мекунанд, бо хароҷоти зиёди меҳнати зеҳнӣ муайян карда мешавад. Муаллиф аз хулосаҳои илмӣ пешниҳоди амиқ кардааст, ки таҳқиқи макони саноати коркарди Тоҷикистон дар индексҳои ташкилотҳои байналмилалӣ бояд иловатан гузаронида шавад барои қабули қарорҳои муфид ва тарафи субъектҳои манфиатдорӣ ватанӣ ва ҳориҷ(с.102)

Муаллиф дар диссертатсия асоснок намудааст,ки корхонаҳои соҳаи саноати коркард бояд бо роҳи баланд бардоштани сифат, кам кардани

арзиши аслии маҳсулот, бо шарикон муҳайё намудани шароити мусоид ҳангоми баромадан ба бозорҳои беруна, хизматрасонии пеш аз фурӯш ва баъд аз фурӯш ба мизоҷон, ки боиси баланд шудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мегардад, бояд роҳандозӣ намоянд, ки хароҷоти иловагиро талаб мекунад. Дар асоси таҳлили вазъи рушди корҳонаҳои саноати коркард муаллиф аниқ намудааст,ки ҳолон, ки онҳо як қатор бартариҳои рақобатӣ дорад аз ҳисоби омилҳои истеҳсолӣ, алалхусус, мавҷуд будани ашёи ҳоми маҳҳалӣ ва захираҳои меҳнатӣ, дар баробари ин, омилҳои манфӣ, инчунин сатҳи пасти самаранокии истеҳсолот, нопурра истифодабарии воситаҳои асосӣ ва фарсудашаваии онҳо ба афзудани рақобатпазирии онҳо монеъаҳои иловагӣ эҷод менамояд(с.124-125).

**Дар боби сеюми диссертатсия (с.126-184) “Самтҳои асосии мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи саноати коркарди Тоҷикистон”** роҳҳои асосии баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркаард, мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии онҳо, ташаккули кластерҳои саноатӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои саноати коркарду такмил дода пешниҳод гардидааст.

Муаллиф роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистонро аниқ намудааст, ки инҳо мебошанд: таҳия барномаҳои комплексии рушд, ки ба соҳибкории истеҳсолӣ равона мебошад; таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард бо дастраси ба маблағгузорӣ; тақвияти механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди инфрасохтори институтсионалӣ, мукаммалшавии асосҳои институтсионалии дастгирӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ, таъмини робитаи илм ва истеҳсолот, навсозии инфрасохтори инноватсионӣ (технопаркҳо, технополисҳо), бунёди инфрасохторе, ки барои пайдо шудани стартапҳо мусоидат мекунад равана мебошад (с.142). Қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи диссертант механизми арзёбии самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноати коркардро таҳия намудааст, ки самтҳои сиёсати давлатӣ ҷиҳати фароҳамсозии фазои мусоиди дастгириву рушди истеҳсолоти саноативу сармоягузорӣ мукаммал карда мешавад (155-156). Дар диссертатсия равандҳои ташаккули кластерҳои саноатӣ, ки ба принсипи дастгирии давлатӣ асос ёфтааст, ҷолиби диққат мебошад. Муллиф дар мисоли кластери пахта-бофандагии ш.Душанбе, ш.Хуыанд имкониятҳои ташкили онро асонок намудааст (с.172-174).

Дар қисмати хулосаҳо ва пешнищодҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

**6. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.**

Муқаррароти асосии илмӣ ва хулосаҳои назариявии кори диссертатсионии тақризшаванда метавонанд барои муайян кардани такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии

корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истифодаи шароитҳо, омилҳо ва принсипҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, амалисозии стратегияи таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ бо истифода аз механизми ташкилӣ-иқтисодӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноати коркард истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои ба даст овардашудаи илмӣ аз нигоҳи методӣ, усулҳои таҳия ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили **механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи саноати коркарди Тоҷикистон** ва асосноккунии қарорҳои идоракунии такмили раванди таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ истифода кардан мумкин аст. Инчунин хулосаҳо ва муқаррароти илмии дар кор асоснок гардида метавонад, ҳангоми таҳия ва амалисозии барномаҳо, консепсияҳо, аниқу асосноккунии роҳҳои баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ истифода карда шаванд. Хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд дар Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон,Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омодасозии заминаҳои методӣ ва таҳкими минбаъдаи қонунгузорӣ, банақшагирии стратегии самти саноату содироти маҳсулоти рақобатпазир ва таҳияи страгегияи маркентингии корхонаҳои саноати коркард истифода карда шаванд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқи диссертатсиониро инъикос намуда, дар он тавсифи умумӣ ва муҳтавои асосии диссертатсия, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, феҳристи интишороти илмии муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот ҷой дода шудааст.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Дар баробари ҳалли масъалаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои ба дастовардашуда баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Дар диссертатсия хеле хуб таъкид карда шудааст, ки “банақшагирии самараноки стратегӣ муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳоеро талаб мекунад, ки бевосита бо афзалиятҳои асосии ширкат алоқамананд”(с.65-66). Ба андешаи мо, мантиқан дуруст мешуд, агар муаллиф дар асоси таҳлили комплексӣ имкониятҳои реалии банақшагирии стратегии корхонаро бо назардошти унсурҳои таъмини рақобатпазирӣ арзёбӣ мекард, ки навгонии илмии диссертатсияро боло мебурд.

2. Дар диссертатсия иқтибосҳо аз корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба қадри кофӣ оварда шудааст, вале оид ба эътироф ё назари мунаққидонаи муаллиф нисбати онҳо нисбатан кам дида мешавад. Ҳоло он, ки дар солҳои охир наздик ба мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқотчиёни бисёри тоҷик рӯ овардаанд

3. Дар диссертатсия (зербоби 1.3.) омилҳое, ки ба рақобатпазирии корхонаҳо таъсир мерасонанд таҳлили илмӣ ва мураттаб

(систематизатсия) карда нашудаанд. Хуб мешуд, агар муаллиф раванди таъсири ин омилҳоро ба рақобатпазирии корхонаҳо таҳлил намуда, назари хешро нисбат ба ҳалли он масъалаҳо баён мекард.

4. Хуб мешуд, агар муаллиф таҳлили масъалаҳои мукаммалсозиии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркардро бо назардошти раванди инноватсинӣ ва механизми рушди он ва ҳамкориҳои мутакобилаи сохторҳои ҳокимяти давлатю корхонаҳои саноатиро дар раванди рақамикунонии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо аниқ ва асоснок карда мешуданд.

5. Кор бурд мекард, агар дар зербоби 3.1. (с.126-142) муаллиф арзёбии роҳҳои баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти истифодаи навгониҳои заминавии технологӣ ва рушди инфрасохтори таъмини рақобатпазирии корхонаҳо бо далелҳои иқтисодӣ асоснок ва аниқ менамуд, ки навгонии илмии диссертатсияро боло мебурд.

6. Доираи ҳалли масъалаи ташаккули кластерҳои саноатӣ ҳамчун воситаи баландбардории рақобатпазирӣ барои бозҳам асоснок кардани натиҷаҳои илмии он хуб мебуд, агар муаллиф ба тайёр кардани мутахассисон бо дониш ва малакаҳои муосир таваҷҷуҳи бештар медод. Он имкон медод, ки асосноккунии хусусиятҳои ташаккули кластерҳои саноатӣ аниқ карда шаванд.

Ахиран метавон қайд намуд, ки камбудиҳо ва эродҳои пешниҳодшуда моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро коҳиш намедиҳад ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

**8. Мувофиқати диссертасия ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ.**

Диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои бадастовардашударо дар худ инъикос мекунад, ки ба ҳалли муаммоҳои такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардашудаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатиро тараққӣ медиҳанд.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи "Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" кори анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин, арзанда аст, ки ба муаллифи он Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика дода шавад. Бинобар ин, арзанда аст, ки ба муаллифи он Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин

дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика дода шавад.

**Муқарризи расмӣ,**
Профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисод, профессор, академики Академияи байналхалқии илми мактабҳои олӣ Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям,
Сардори идораи кадрҳои Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯч.М.Турсунзода, 30
Телефон: (992) 37, 221-75-50
E-Mail: sirodj1950@mail.ru

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, ½, www/ttu.tj)*

**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мӯҳсинова Парвина Адбулқосимована ба диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзуи "Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст**

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Аҳамияти мавзуи кори диссертатсионии Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддинро тамоюли рушди фановариҳои ҷадид ва вусъат гирифтани фазои мубодилаи молу хадамот муайян менамояд, ки дар натиҷаи шиддат гирифтани рақобат байни субъектҳои иқтисодӣ ва амиқтар шудани таъсири механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии корхонаҳои саноатӣ ба вуҷуд омадаанд. Тоҷикистон дар масири саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ қарор дорад, ки ҷузъи муҳимтарини он таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба татбиқи стратегияи воридотивазкунанда ва ба содиротнигарондашуда ба ҳисоб рафта, ноил гардидан ба ҳадафи асосии он такмили механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии идоракунии корхонаҳои саноатии ватаниро тақозо менамояд.

Қобили қайд аст, ки инкишофи равандҳои технологӣ ва шиддат гирифтани рақобат байни субъектҳои иқтисодӣ боиси мураккаб гардидани механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии корхонаҳои саноатӣ гардидааст, ки дар шакли пайдоиш ва инкишофи кластерҳои иқтисодӣ, муҷтамаъҳо, консернҳо, корхонаҳои холдингӣ, ширкатҳои муштарак ва амсоли он зоҳир мегардад. Зарурати таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии ватанӣ омӯзиши густурдаи ҷанбаҳои назариявии ташаккули

механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, шароитҳо, омилҳо, принсипҳо ва стратегияи амалишавии онро бо таваҷҷуҳ ба равишҳои муосири ба роҳ мондани раванди идоракунии ҷараёни мазкур ба миён меоварад.

Муаллиф комилан дуруст қайд менамояд, ки дар шароити муосир дар назди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини рақобатпазирӣ ва рушди устувори онҳо дар заминаи модели нави инкишофи стратегӣ гузошта шудааст. Дар баробари ин, дар корхонаҳои саноатии мамлакат як қатор мушкилоти муҳим, аз ҷумла сатҳи пасти маҳсулнокии меҳнат, ҳаҷми нокифояи сармоягузорӣ барои коркард ва ҷорисозии инноватсияҳо, фондҳои истеҳсолии кӯҳнашуда, рушд наёфтани низоми идоракунии стратегӣ ва амсоли инҳо ҷой доранд. Бо назардошти андешаҳои дар боло зикршуда, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин, объекту предмети диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин, ки меҳвари асосии онро омӯзиш ва такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

**2. Мутобиқати диссертатсия ва ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқ мебошад: 1. Таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нав, мутобиқсозии мавҷуди онҳо дар амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 2. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 16. Ташаккули механизмҳои рушди устувори иқтисодиёти соҳаҳои саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ. Арзёбӣ ва суғуртакунии хавфҳои субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию

энергетикӣ; 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбики лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика, самаранокӣ; 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, густариши инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Проблемаҳо ва дурнамои рушди кластерҳо дар саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 28. Равишҳои назариявию методологӣ доир ба таъсиси низоми назоратӣ дар корхонаҳои соҳаи саноат ва энергетика; 37. Минтақаҳои саноатӣ ва шаҳракҳои саноатӣ. Нуқтаҳои рушди саноатӣ ва истифодаи самараноки иқтидори саноатӣ ва энергетикӣ.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии диссертатсия аз гузориш ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳои мушаххас дар самти такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба истифодабарии оқилонаи равишҳои муосири идоракунии корхонаҳои саноатӣ зоҳир мегардад.

Таҳлили диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

**Навгонии** илмии таҳқиқот дар рушди асосҳои назариявӣ-методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодӣ иборат аст, ки дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард мусоидат менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд:

- мафҳуми "рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ" ҳамчун "маҷмӯи имкониятҳо ва афзалиятҳо дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоте, ки асоси рушди устувори дарозмуддат мебошад" пешниҳод шудааст. Инчунин, мафҳуми механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирӣ ҳамчун "маҷмӯи усулҳо, воситаҳо, фишангҳо ва шаклҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, ки бо истифода аз

онҳо корхонаи саноатӣ сатҳи рақобатпазирии худро баланд мебардорад” тавсиф шудааст;

– омилҳои асосии рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва роҳҳои таъмини рақобатпазирии фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд, ки барои нишон додани аҳамияти хоси он баҳри ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат имконият фароҳам менамояд;

– тамоюлҳои манфие, ки рушди корхонаҳои саноати коркардро бозмедоранд, муайян карда шуда, тавсияҳо барои рушди инфрасохторҳои институтсионалӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ-қарзӣ, нақлиётӣ-логистикӣ, истеҳсолӣ-фурӯшӣ, иттилоотӣ-маркетингӣ ва илмӣ-технологии ин корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд;

– механизми такмилёфтаи ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таҳия шуда, низоми самараноки рушди он пешниҳод гардидааст. Ин механизм унсурҳои асосии инфрасохтори институтсионалӣ-ҳуқуқӣ, молиявӣ-қарзӣ, сармоягузорӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, инноватсионӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истеҳсолӣ-фурӯшӣ, илмӣ-техникӣ, нақлиётӣ-логистикӣ, кадрӣ, маркетингӣ ва экологии корхонаҳои саноатиро дарбар мегирад.

– бартариятҳои стратегии рушди корхонаҳои саноати коркард муайян шуда, самтҳои асосии такмили низоми тадбирҳои институтсионалии дастгирии давлатии инкишофи корхонаҳои саноатӣ пешниҳод гардидаанд. Инҳо истифодаи ҳамаҷонибаи захираҳои ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ, ҷамъиятӣ, таълимӣ ва тиҷоратиро пешбинӣ намуда, барои фароҳам сохтани шароитҳои мусоид баҳри рушди истеҳсолоти саноати коркард равона шудаанд.

– равиши консептуалии таъмини ҳамкории мутақобилаи институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои истеҳсолӣ таҳия гардидааст. Инчунин, механизми баҳодиҳии самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ пешниҳод шудааст, ки ташаккули низоми бисёрсатҳаи дастгирӣ ва

рушди корхонаҳои саноати коркардро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Муаллиф барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ на фақат аз механизми ташкиливу-иқтисодӣ дар сатҳи микро, балки низ дар сатҳи макро ва мезо омилҳои зеринро муҳим арзёбӣ мекунад: дастгирии давлатӣ шароити мусоидро барои рушди корхонаҳои саноатӣ фароҳам меорад, ки кӯмакҳои молиявӣ ва инфрасохториро дар бар мегирад; блоки молиявӣ-иқтисодӣ ба корхонаҳо устуворӣ нисбат ба хавфҳои беруна ва тағйиротро таъмин карда, устувориро дастгирӣ мекунад ва хароҷотро оптимизатсия менамояд; рушди технологӣ бо ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва модернизатсияи истеҳсолот самаранокӣ ва рақобатпазириро баланд мебардорад; сармояи инсонӣ омили калидии муваффақият аст, зеро кормандони ботаҷриба қодиранд, ки идеяҳои навро амалӣ намуда, ҳосилнокиро баланд бардоранд; стратегияҳои маркетингӣ ва фурӯш ба корхонаҳо барои тавсеаи бозорҳои фурӯш, рушди содирот ва беҳтар намудани имиҷи бренд кӯмак мерасонанд; идоракунии сифати маҳсулот мутобиқатро ба стандартҳои байналмилалӣ таъмин мекунад, ки ин рақобатпазириро дар бозорҳои хориҷӣ баланд мебардорад; идоракунии захираҳо ва логистика барои истифодаи самараноки захираҳо, коҳиши хароҷот ва беҳтар намудани логистика равона шудааст; муҳити беруна, махсусан тағйироти қурби асори миллӣ, ба фаъолияти содиротӣ таъсир мерасонад ва стратегияи мутобиқшавиро талаб мекунад, то рақобатпазирӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ нигоҳ дошта шавад, истифода мекунанд (с.36).

Ба андешаи муаллиф принсипҳои таъмини ракробатпазирии корҳонаҳо ин унсурҳои асосӣ ва роҳнамое мебошанд, ки барои дастёбӣ ба натиҷаҳои устувор ва дарозмуддати рақобатпазирӣ зарур буда, чунинанд: принсипи мутобиқшавӣ ва тағйирпазирӣ, ки аз муҳимтарин принсипҳо арзъебӣ гардида, мутобиқшавиро ба шароити тағйирёбандаи бозорро талаб мекунад; принсипи таъмини сифат ва мизоҷпарастӣ. Сифати баланд ва татбиқи фаъолияти корхона ба талаботҳои мизоҷон дар самти таъмини рақобатпазирӣ аҳамияти бузург доранд; принсипи истифодаи самараноки захираҳо. Истифодаи

самараноки захираҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ барои таъмини рақобатпазирӣ аҳамияти калон дорад. Ин принсип корхонаҳоро водор мекунад, ки захираҳоро бо самаранокии баланд истифода гардида хароҷотҳои нолозим кам шаванд; принсипи навовариҳо ва рушди пайваста. Навовариҳо ва рушди пайваста калиди асосии пешрафт ва рақобатпазирии дарозмуддат мебошанд (с.45).

Дар диссератсия қайд шудааст, ки барои арзёбии мукаммали рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ бояд гуруҳӣ нишондиҳандаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ, техникӣ ва истеҳсолӣ, маркетинг, ташкилӣ ва иҷтимоӣ истифода гарданд. Истифодаи онҳо барои таҳлили ҳамаҷонибаи доҳилӣ (истеҳсолӣ, молиявӣ, сармоягузорӣ, маркетингӣ ва ғайра) ва берунаи фаъолияти корхона (мавқе дар бозорҳои доҳилӣ ва ҳориҷӣ) имконият медиҳад. Гуфтан ҷоиз аст, ки тавсифи нишондиҳандаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ , ба монанди фоиданокии истеҳсолот ва маҳсулот, арзиши аслӣ ва сармояи гардон, арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва модии корхона барои дарёфти имконоти беҳтари назорати хароҷот ва фоида мусоидат мекунанд. Нишондиҳандаҳое, ба монанди ҳосилнокии меҳнат, фарсудашавии таҷҳизот ва дастрасӣ ба навовариҳо, дар таҳлили қобилият ва самаранокии истеҳсолӣ нақши муҳим бозида, барои банақшагирии ҷорӣ кардани технологияҳои нав ва риояи стандартҳо ҳамчун заминаи асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ мусоидат кунанд (с.64).

Муаллиф қайд намудааст, ки дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат дар назди мақомотҳои танзимкунанда дар ҳама сатҳҳо (миллӣ, соҳавӣ, минтақавӣ) вазифаи таъмини баланд бардоштани рақобатпазирии саноати ватанӣ ва субъектҳои он дар раванди ҳамгироии Тоҷикистон ба иқтисоди глобалию минтақавӣ ва таъмини рақобатпазирии молҳои ватании саноатӣ дар бозори дохилӣ гузошта шудааст. Баланд бардоштани рақорбатпазирии саноати коркард ва субъектҳои он, ба монанди корхонаҳои ватании соҳавӣ, омили муҳими ҳалли бомуваффақияти чор ҳадафҳои миллӣ мебошад, ки қабули маҷмӯи чораҳои иловагиро талаб мекунад (с.86-87).

Дар натиҷаи таҳлил, бо назардошти рушди корхонаҳои саноати коркард,муаллиф хулоса намудааст, ки масъалаи таъмини рақобатпазирии онҳо то ҳол ба талаботи муосир пурра ҷавобгуй намебошад ва қабули татбирҳои иловагиро талаб мекунад. Дар ин ҷода низ таҳқиқи макони саноати коркарди Тоҷикистон дар индексҳои ташкилотҳои байналмилалӣ бояд иловатан гузаронида шавад барои қабули қарорҳои муфид ва тарафи субъектҳои манфиатдорӣ ватанӣ ва хориҷӣ (с.100). Ба андешаи муаллиф, корхонаьои соҳаи саноати коркард бояд бо роьи баланд бардоштани сифат, кам кардани арзиши аслии маьсулот, бо шарикон муьайё намудани шароити мусоид ьангоми баромадан ба бозорҳои беруна, хизматрасонии пеш аз фурӯш ва баъд аз фурӯш ба мизољон, ки боиси баланд шудани раќобатпазирии маьсулоти ватанӣ мегардад, бояд роҳандозӣ намоянд, ки хароҷоти иловагиро талаб мекунад. Ин ҳолат боиси нигарони буда, кабули чораҳои иловагии дастгирии молиявии давлатӣ ва бахши молиявиро нисбат ба корхонаҳои саноатӣ ва рохандозии чораҳои сарфакориро дар истеҳсолот ва фуруши махсулотро талаб карда (с.119).

Роҳҳои асосии таъмини рақобатпазирии корҳонаҳои саноатии коркард дар Тоҷикистонро муаллиф аз самтҳои зерин иборат медонад: таҳия барномаҳои комплексии рушд, ки ба соҳибкории истеҳсолӣ равона мебошад; таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард бо дастраси ба маблағгузорӣ; тақвияти механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди инфрасохтори институтсионалӣ, мукаммалшавии асосҳои институтсионалии дастгирӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ, таъмини робитаи илм ва истеҳсолот, навсозии инфрасохтори инноватсионї (технопаркьо, технополисьо) ва амсоли он. (с.137-138).

Муаллиф чунин мешуморад, ки равиши ҳамаҷониба ба рушди саноат на танҳо ба беҳтар шудани заминаи истеҳсолии дохилӣ, балки ба эҷоди иқтисоди устувор, ки барои тағйирот дар бозорҳои ҷаҳонӣ омода аст, мусоидат мекунад. Таҳияи заминаи ҳуқуқӣ ҳимояи ҳуқуқи моликият, содда кардани расмиёти

маъмурӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди тиҷоратро таъмин мекунад, ки эътимоди сармоягузорон ва соҳибкоронро баланд мебардорад (с.157).

Мо бо андешаи муаллиф ҷиҳати он, ки барои баланд бардоштани кобилияти ракобати корхонаю сохахои саноатӣ бояд ташкил намудани корхонахои муштараки саноатии самти коркард ҳавасманд гардад, розӣ мебошем. Дар ин росто, фаъолияти корхонаи муштараки Тоҷикистону Чин «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил» бо давраи пурраи коркарди нахи пахта то маҳсулоти дӯзандагии тайёр, ки маҳсулоти он на танҳо дар дохили кишвар, балки дар хориҷи кишвар ҳам рақобатпазири худро собит кардааст, ҳамчун намуна бояд истифода гардад. Ба сифати яке аз самтҳои муҳимми дастгирии давлатии корхонаҳои саноатии коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ҷорӣ намудани шаклҳои мухталифи дастгирии самараноки фаъолияти онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иштироки бевоситаи онҳо дар тавсеаи инфрасохтори истеҳсолӣ, роҳандозии шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд арзебӣ гардад (с.145-185).

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосахо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Максади таҳқиқот таквияти равишҳои консептуалӣ ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иктисодӣ мебошад, ки самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркардро дар шароити саноатикунонии босуръати иктисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Муаллиф барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстрактсияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, экспертию таҳлилӣ, иқтисодию риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғайраро истифода намудааст, ки асоснокӣ ва мӯътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он таҷассум меёбад, ки муқарароти назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда ҳангоми таҳияи тавсияҳо баҳри таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард истифода шуда метавонанд. Аҳамияти амалии кор дар он таҷассум меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳия ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат истифода шуда метавонанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омода намудани мутахассисони самти менеҷмент, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши саноат истифода шаванд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ**

Тавре аз таҳлили маълумоти пешниҳодгардида бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 11 мақолаҳо, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои такризшавандае, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тависия шудаанд, ба нашр расидаанд..

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровара шудааст ва бо забони илмӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

**8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ба андешаи муаллиф зери мафҳуми механизми ташкилӣ-иқтисодӣ маҷмӯи усулҳо, воситаҳо, фишангҳо ва шаклҳои ташкилӣ ва иқтисодиро, ки бо истифодаи он корхонаи саноатӣ сатҳи рақобатпазирии худро баланд мебардоранд, фаҳмида мешаванд. Аммо дар таърифи мазкур ба таври мушаххас механизмҳои ташкилӣ ва механизмҳои иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар алоҳидагӣ нишон дода нашудаанд.

2. Рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити феълӣ аз таъмини самараи синергетикии омилҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ вобаста мебошад. Омили мазкур мебоист ба унвони яке аз принсипҳои асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таъриф карда мешуд. Аммо муаллиф ба ин нукта аҳамияти ҷиддӣ надодааст.

3. Дар диссератсия ба ҷанбаҳои технологии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, махсусан, бо таваҷҷуҳ ба рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ, аҳамити кофӣ дода нашудааст.

4. Дар қисмати ниҳоии диссератсия ташаккули кластерҳои саноатӣ ҳамчун воситаи баландбардории рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои саноати коркард таъриф шудааст. Аммо мушкилот ва муаммоҳои ташаккули кластерҳои саноатӣ дар қисматҳои аввал ва қисмати таҳлили диссертатсия ба тарафи кофӣ шарҳ дода нашудааст.

5. Баъзе нуқтаҳои назар ва андешаҳои муаллиф баҳсталаб мебошанд. Инчунин, баъзе иштибоҳоти имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия**

Диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзуи "Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии

босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика), пешниҳод шудааст, кори илмию тахассусии ба итмомрасида буда, ҷавобгӯй ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти**
**кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров"** **Мӯҳсинова П.А.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700 Тоҷикистон,**
**Суғд, ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбекова 1.**
**Тел.: (+ 992) 92 999 03 13; e-mail: abulkosim-m@mail.ru**

**Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент Мӯҳсинова П.А-ро тасдиқ мекунам**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров"** **З.С. Сайдуллозода**